# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи «Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» (дар мисоли Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

Шароити имрӯзаи рушди бемайлони Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи дарёфт, таълиму тарбияи хонандагоне, ки лаёқати баланди зеҳнӣ доранд яке аз вазифаҳои афзалиятноки аҳли маориф кишвар мебошад. Дар ин самт шинохти бармаҳал, таълим ва тарбияи кӯдакони боистеъдод ва лаёқатманд яке аз мушкилоти асосии низоми маориф ба шумор меравад ва аз ин сабаб кӯдакони лаёқатманд ба таълиму тарбияи махсус, ҳавасмандӣ ва дастгирии калонсолон эҳтиёҷ доранд.

Мавзуи интихобнамудаи муҳақиқ Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи «Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» (дар мисоли Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”) мубраму саривақтӣ маҳсуб меёбад.

Нурматова Н.Л. қайд намудааст, ки таҳқиқи масъалаи таълиму тарбияи хонандагони лаёқат бо аҳамияти илмию амалиро касб мекунад, то дар дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат густариш дода, бахри самаранок истифода намудани усулҳои муосири таълим тамоми чораҳо андешида шаванд.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки дар сурати дуруст ба роҳ мондани кор бо хонандагон ташхису ошкор намудан ва муайян намудани қобилияти хонандагон имконпазир мебошад. Дар ин самт махсус қайд мегардад, ки ҳар хонанда дорои қобилият мебошад ва вазифаи омӯзгор ин муайян намудани он ва кӯмак расонидан дар рушди қобилиятнокии хонанда мебошад. Чунин қобилиятҳо умумӣ ва махсус мешаванд, ки дар байни онҳо қобилияти ақлонӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Дар муассисаҳои таълимӣ маҳз тавассути муайян намудани қобилияти ақлонӣ хонандагони болаёқат дарёфт карда шудаву байни онҳо тафовут гузошта мешаванд.

Масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуъ дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Дар муқаддима муҳимияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, фарзия, вазифаҳои дар назди худ гузошта, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси диссертатсияро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

Боби якум “Мавқеи таҳсилоти иловагӣ дар низоми таҳсилоти хонандагони болаёқат” масъалаи аҳамияти таҳсилоти иловагӣ дар дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат мавриди таҳлил қарор дода шуда, муаллиф қайд менамояд, ки дар замони муосир масъалаи татбиқи дастовардҳои илмиву техникӣ ва технологияи муосир ба яке аз омилҳои муҳими тавсеаи рақобатпазирӣ ва ҳарчи муассир кардани нуфузи кишварҳо дар арсаи ҷаҳон табдил ёфтааст. Дар ин давра маҳз давлатҳое ба комёбӣ ноил мегарданд, ки ба рушди соҳаи маориф ва инкишофи илму технология ва ворид намудани инноватсия диққати бештар медиҳанд. Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки замони ҷаҳонишавӣ таҳкими иқтидори зеҳниро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, беҳбудии иҷтимоӣ ва умуман ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг пеш аз ҳама ба рушди босуботи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таҳсилот ва дастгирииии наврасону ҷавонони болаёқат вобаста мебошад, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Масъалаи лаёқатмандии хонандагон дар низоми муосири таҳсилот ҷанбаҳои илмию иҷтимоии масъалаи лаёқатмандӣ ва муҳиммияти дарёфт ва рушди лаёқатҳо баррасӣ шудааст. Намудҳои лаёқатмандӣ ба баррасии таснифоти падидаҳои лаёқатмандӣ, усулҳои дарёфт ва рушди лаёқатмандӣ нигаронида шудааст.

Дар боби дуюм – “Низоми самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат” буда, масъалаи механизми ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин роҳандозӣ намудани таҳсилоти иловагиро дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси санадҳои меъёрӣ таҳия гардидааст. Натиҷаҳои корҳои анҷомдодашудаи таҳқиқотӣ дар Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур” нишон медиҳанд, ки ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар таълиму тарбияи хонандагони болаёқат самаранок маҳсуб меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот буда, мақсади он инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, қонеъ гардонидани рағбат, эҳтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисаҳои таълимӣмебошад.

Муаллиф қайд мекунад, ки низоми таълими хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо розигии падару модар дар асоси принсипҳои дастрас будани таҳсилоти иловагӣ барои таълимгирандагон дар доираи стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсил, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкии онҳо, ихтиёрӣ будани интихоби шакли муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва хусусияти илмӣ, дунявӣ ва

башардӯстона доштани таҳсилоти иловагӣ амалӣ гардонида мешавад.

Барои беҳтар гардидани мазмуну муҳтавои рисола андешаҳои зеринро пешниҳод менамоям:

1. Хуб мебуд, дар кори илмӣ ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оиларо возеҳтар пешниҳод мегардид.
2. Дар рисола ғалатҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ мушоҳида мегардад.

Эродҳои зикргардида аҳамияти илмии кори диссертатсиониро кам намекунад.

Хулоса, кори таҳқиқотии Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи «Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» (дар мисоли Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”) ба анҷомрасида маҳсуб ёфта, ҷавобгӯи талабот мебошад. Муаллифи рисола сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
мушовири директор оид ба корҳои педагогӣ ва психологии Литсейи инноватсионии “Душанбе”- и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Одинаева О.З.

12.09.2023

Имзои Одинаева О.З.- ро тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳо. Шарипова С.

Суроға: 734000, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 63/3, тел: 918246009